# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи “Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст.**

Баробари расидан ба истиқлолияти комил дар мамлакат марҳилаи нав дар омӯзиш ва таҳқиқи таърихи чандҳазорсолаи халқи тоҷик ибтидо гузошт. Зеро соҳибистиқлолӣ ба раванди таҳқиқ ва омӯзиши таърих, метод ва усулҳои таҳқиқ, дастрасӣ ба сарчашмаҳои таърихӣ, ба вижа маводи бойгонӣ имконияти фарох ва вусъати тоза бахшид. Баробари ин, таърих ва донишҳои таърихӣ ба воситаи муҳимтарини худшиносии миллӣ, ваҳдат ва ягонагии ҷомеаи кишвар табдил ёфтанд.

Омили созанда ва афзояндаи мақоми илми таърих ва донишҳои таърихӣ дар ҷомеаи кишвар ин, пеша аз ҳама таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таърих, сабақҳои таърихӣ, тамаддун ва оину суннатҳои аҷдодӣ ҳамчун рукнҳои муҳимми муттаҳидкунандаю ваҳдатсоз, воситаи таҳкимбахши худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад.

Ҳамзамон, дар замони соҳибистиқлолӣ дар таърихи миллати тоҷик баъди чандин аср манфиат ва андешаҳои миллӣ дар сиёсати давлат мақоми калидӣ гирифт ва ин имкон дод, ки муҳаққиқону муаррихон дар пайгирӣ аз сиёсати Сарвари давлат бо назардошти манфият ва арзишҳои миллӣ ба таҳқиқи саҳифаҳои гуногун ва норӯшани таърихи миллат ҳаракат намоянд.

Махсусан, дар ин раванд таҷдиди назар намудани таърихи садсолаи охир ва инъикоси дастовардҳои назарраси замони соҳибистиқлолӣ мақоми тоза ва вижа пайдо намуд. Аз ҷумла, мавзӯи мавриди таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи давраи навтарини яке аз минтақаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ноҳияи Данғара равона шудааст, қадаме дар ин самт мебошад. Рисола пеш аз ҳама ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи таъсисёбӣ ва рушди ноҳия Данғара дар замони

Иттиҳоди Шуравӣ ва таҳаввулоти ҷиддии иктисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ин минтақа дар давраи соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст.

Ноҳияи Данғара соли 1932 дар ҳайати собиқ вилояти Кӯлоб таъсис ёфта, дар натиҷаи дигаргунсозиҳои замони шуравӣ ва ҶШС Тоҷикистон тадриҷан рӯ ба инкишоф ниҳода, ба як минтақаи комилан пешрафта табдил ёфтааст. Ноҳия вобаста ба зуд–зуд тағйир ёфтани сохтори маъмурии ҷумҳурӣ борҳо аз тобеяти як вилоят ба вилояти дигар гузаштааст. Аз ҷумла, соли 1944 аз ҳайати вилояти Кӯлоб ба тобеияти вилояти Қӯрғонтеппа, вале соли 1947 аз нав ба ҳайати вилояти Кӯлоб ҳамроҳ гардидааст. Новобаста аз ин ноҳия дар замон шуравӣ аз як минтақаи рушднаёфтаи Бухорои Шарқӣ ба ноҳияи пешрафта ва яке аз минтақаҳои муҳимми кишоварзӣ табдил ёфт. Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия комилан дучори таҳаввулот гардид.

Омӯзиши ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар марҳилаҳои таърихӣ ва минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ барои боз ҳам ғанӣ гардонидани илми ватанӣ, муаррифии таърих ва имкониятҳои мавҷуда метавонад дар ташаккули худшиносии миллӣ, худогоҳии насли наврас ҳамчун замина фароҳам оварад. Аз ин рӯ омӯзиши таърихи ноҳияи Данғара, ки яке аз ноҳияҳое мебошад, ки таърихи қадима дорад ва дар рушду пешрафти ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат нақши калидӣ дорад.

Ноҳияи Данғара яке аз ноҳияҳое мебошад, ки дар соли 1932 ҳамчун ноҳия таъсис ёфта, масоҳати васеи ҷуғрофӣ ва табииро доро мебошад. Ин ноҳия асосан ноҳияи кишоварзӣ буда, мардуми он асосан ба ғаллакорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ машғул мебошанд.

Муаллифи автореферати диссертатсия Шодмонзода Орзу Шодмон қайд менамояд, давраи рушд ва инкишофи ҳамаҷонибаи ноҳия ба даврони соҳибистиқлолӣ рост меояд. Зеро дар ин давра ноҳияи Данғара ба пешрафту тараққиёт ноил гардида, ба ноҳияи саноатӣ ва ноҳияи рушдкардаи кишоварзӣ табдил ёфтааст. Дар рушд ва инкишофи соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург мебошад.

Омӯзиши автореферати диссератасия нишон медиҳад, ки объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мувофиқат менамояд.

Автореферат бо услуби академӣ ва бо талаботи навишти автореферати диссертатсияи номзадӣ омода гардидааст. Мазмун, мундарича, сохтор ва дигар қисматҳои автореферат ба талабот ҷавобгӯ буда, мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.

Хулоса автореферати диссертатсияи номзадии Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони Шуравӣ ва давраи Истиқлол» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.т., дотсент, мудири кафедраи таърих
ва методикаи таълими таърихи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Холмуродзода М.Б.

«27» 10 соли 2025

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров - 16
Тел.: (+992) 985 06 181 18
E-mail: mehrafruz_91@mail.ru

«Имзои н.и.т., дотсент Холмуродзода М.Б. -ро
тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.
«27» 10 соли 2025

**Суроғаи муассиса:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон Вилояти Хатлон,
шаҳри Кӯлоб кӯчаи С.Сафаров 16 тел: (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09
E-mail: info@kgu.tj; сомонаи расмӣ: https://www. kgu.tj